МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ
«ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ТОҶИКИСТОН
БА НОМИ АБАЛӢ ИБНИ СИНО»

Низомномаи
оид ба ташкил ва гузаронидани имтиҳони номзадӣ

# Н И З О М Н О М А И

## оид ба ташкил ва гузаронидани имтиҳони номзадӣ

ш. Душанбе – 2019

**«Тасдиқ мекунам»**
Ректори МДТ ДДТТ ба
номи Абӯалӣ ибни Сино,
д.и.т.,профессор
_____________ГулзодаМ.Қ
«___03___»___09_______с. 2019

# Н И З О М Н О М А И

## оид ба ташкил ва гузаронидани имтиҳони номзадӣ

1. Имтиҳонҳои минимуми номзадӣ қисми таркибии аттестатсияи мутахассисони илмӣ ва илмию педагогӣ мебошанд. Ҳадафи имтиҳонҳои минимумӣ муайян кардани амиқии дониши касбии унвонҷӯи дараҷаи илмӣ ва сатҳи омодагии ӯ ба кори мустақилонаи илмию тадқиқотӣ мебошад.
2. Имтиҳонҳои номзадӣ аз таърих ва фалсафаи илм, забони хориҷӣ ва ихтисос мувофиқи мавзӯи рисола муқаррар карда мешаванд (Қарори Ҳукумати ҶТ аз 31.05.2012 №265).
3. Комиссияи қабули имтиҳонҳои номзадӣ аз ҳар фан бо фармони ректори донишгоҳ дар ҳайати раис (одатан, муовини ректор оид ба илм ва нашрия) ва ду-се аъзо аз ҳисоби кормандони баландихтисоси илмӣ ва илмию педагогӣ таъин карда мешавад.
4. Комиссия дар сурате салоҳияти қабули имтиҳонҳои номзадиро дорад, агар дар ҷаласаи он на камтар аз ду мутахассиси соҳаи имтиҳони қабул, аз ҷумла як доктори илм иштирок намоянд.
5. Ба ҳайати комиссияи қабули имтиҳони номзадӣ аз таърих ва фалсафаи илм ҳамчун фанни умумии илмӣ, дар мавриди набудани доктори илмҳои фалсафа дар кафедра дохил кардани доктори илмҳои таърих, иқтисодӣ, сиёсӣ, сотсиологӣ, ки дар он кафедра кор мекунанд, мумкин аст (Қарори Ҳукумати ҶТ аз 31.05.2012 № 265).

6. Имтихонҳои номзадӣ бо салоҳдиди комиссияи имтиҳонӣ бо пурсишнома (билети имтиҳонӣ) ва ё бе пурсишнома гузаронида мешаванд. Барои тайёр кардани ҷавоб унвонҷӯ варақҳои имтиҳониро истифода мебарад, ки онҳо пас аз қабули имтиҳон дар муддати як сол нигоҳ дошта мешаванд.

7. Унвонҷӯи номзади илм имтиҳонҳои номзадиро дар давраи сессияи имтиҳонӣ дар як сол ду маротиба (сессияи баҳорӣ ва тирамоҳӣ) месупоранд.

8. Ба супоридани имтиҳон унвонҷӯи номзади илм роҳ дода мешаванд, ки ба ҳадди ақали ҳатмӣ мӯҳтаво барномаро оид ба фан аз худ карда бошанд.

9. Дар як сессия супурдани як имтиҳон иҷозат дода мешавад.

10. Ба унвонҷӯи номзади илм, ки рисолаашро барои апробатсия ба шӯъбаи тайёр кардани кадрҳои илмӣ пеш аз мӯҳлат пешниҳод кардааст, ба таври истисно дар як сессия супурдани ду имтиҳон иҷозат дода шуда метавонад.

11. Дар сурати бо мушоракати ду ихтисоси ҳамҳудуд анҷом додани кор имтиҳони номзадӣ аз рӯи ихтисоси асосӣ супорида мешавад.

12. Шахсоне ки имтиҳонҳои номзадиро дар хориҷа супоридаанд ҳуҷҷат дар бораи қонуни будани имтиҳонҳои номзадӣ ***аз тарафи Вазорати маориф ва илмӣ ҶТ*** тасдиқ карда мешавад.

13. Барои ҳар унвонҷӯи номзади илм протоколи қабули имтиҳони номзадӣ пур карда мешавад, ки бар он саволҳои билетҳо ва саволҳои ба унвонҷӯ аз тарафи аъзоёни комиссия дода шуда дарҷ мегардад.

14. Дар сурати ки унвонҷӯй фақат барои супоридани имтиҳонҳо вобаста мешавад роҳбари илмӣ таъин карда намешавад.

15. Докторантони фалсафа (PhD), аспирантон ва унвонҷӯёни номзади илмӣ имтиҳонҳои номзадӣ аз фанни таърих ва фалсафаи илм, забони хориҷӣ ва ихтисос дар муддати муайяншуда месупоранд.

16. Агар дар муддати муайян шуда комиссияи қабули имтиҳони номзадӣ аз баъзе фанҳо набошад унвонҷӯён имтиҳонро дар мактабҳои

олӣ, муассиса ва ташкилотҳои илмӣ мутобиқи шароити умумӣ месупоранд.

17. Сатҳи дониши унвонҷӯ аз рӯи тартиби чорхолаи: "аъло", "хуб", "қаноатбахш", "ғайриқаноатбахш" баҳо дода мешавад.

18. Барои ҳар унвонҷӯи дараҷаи илмӣ қарори қабули имтиҳони номзадӣ тартиб дода мешавад, ки дар он саволҳои ба унвонҷӯ додашуда, аз ҷумла саволҳои пурсишнома сабт мегарданд.

19. Протоколи қабули имтиҳони номзадиро яъзои комиссия, ки дар имтиҳон ширкат доштанд, бо зикри дараҷаи илмӣ, унвони илмӣ, вазифа ва ихтисос мувофиқи феҳристи ихтисосҳои кормандони илмӣ имзо менамоянд.

20. Протоколҳои ҷаласаҳои комиссияҳои имтиҳонӣ пас аз тасдиқ аз тарафи ректори донишгоҳ дар шуъбаи тайёр кардани кадрҳои илмӣ нигоҳ дошта мешаванд.

21. Дар мавриди бо сабабҳои узрнок ба имтиҳони номзадӣ ҳозир нашудани унвонҷӯ бо иҷозати ректори донишгоҳ ӯ ба супурдани имтиҳони номзадӣ дар мудаати сессияи ҷорӣ роҳ дода мешавад.

22. Ба такроран супурдани имтиҳони номзадӣ дар муддати як сессия иҷозат дода намешавад.

23. Нисбат ба қарори комиссияи имтиҳонот унвонҷӯ метавонад дар мӯҳлати панҷ рӯз ба ректори донишгоҳ, ки қарорашон ниҳоист, шикоят намоянд.

24. Дар бобати супурдани имтиҳони номзадӣ шаҳодатномаи дорои шакли муқарраршуда дода мешавад.